**Суратҷаласаи № 5/2**
**аз ҷаласаи кафедраи забони тоҷикии**
**ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода**

аз «16» январи соли 2023 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** 15 нафар аъзоёни кафедра, ки аз онҳо 1 нафарашон доктори илм, 4 нафарашон номзади илмҳои филологӣ, дотсент, 1 нафарашон номзади илм, муаллими калон, 6 нафарашон муаллими калон, 3 нафарашон ассистент мебошанд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Баррасӣ ва муҳокимаи диссертатсияи номзадии **Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна** дар мавзуи **«Ҷойгоҳи ҷумла дар низоми наҳви забон (бар мабнои романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон

## БАРОМАД НАМУДАНД:

Мудири кафедраи забони тоҷикӣ н.и.ф., дотсент **Усмонова М.** ҷаласаро бо сухани муқаддимавӣ оғоз намуда, рисолаи номзадии Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновнаро, ки дар мавзуи **«Ҷойгоҳи ҷумла дар низоми наҳви забон (бар мабнои романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон таҳти роҳбарии профессор Гулназарзода Ж.Б таҳия ва омода гаштааст, барои муҳокима ва баррасӣ вогузор намуд.

Сипас, сухан ба муаллифи диссертатсия **Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна** дода шуд. Номбурда ба таври мухтасар мазмун ва муҳтавои диссертатсияи худро баён карда, бандҳои ба муқаддима ва қисмати хулоса воридшударо зикр намуд. Ҳамчунин, унвонҷӯ хулосаи таҳлилу баррасӣ ва натиҷаҳои бадастомадаи кори илмӣ-таҳқиқотиашро батафсил ироа намуд.

## МУҲОКИМА:

Баъдан, аъзоҳои ҷаласа ба муҳокимаи диссертатсия шурӯъ намуданд. Дар бораи кори диссертатсионӣ д.и.ф., профессор Ж.Б.Гулназарзода, н.и.ф. Сафарова Г., н.и.ф., дотсент М.Н. Насруллоев, н.и.ф., дотсент С.Қ.Матробиён ва н.и.ф., дотсент Усмонова М.Х. изҳори ақида намуда, қайд карданд, ки мавзуи диссертатсия мубрам аст ва ба яке аз масъалаҳои актуалии соҳаи забоншиносӣ бахшида шудааст. Ҳамчунин, муқарризон барои беҳтар шудани сифати кори илмӣ тавсияву пешниҳодҳои худро баён намуданд.

Пас аз баромади муқарризон музокира баргузор гардид ва диссертант ба муқарризон барои таҳлили диссертатсия ва пешниҳоду маслиҳатҳояшон изҳори миннатдорӣ намуда, зикр кард, ки дар оянда камбудиҳои ироашуда ислоҳ хоҳанд шуд.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи **Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна** дар мавзуи **«Ҷойгоҳи ҷумла дар низоми наҳви забон (бар мабнои романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода)»,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон пешниҳод гаштааст, таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи корҳои диссертатсионии аз тарафи комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида ҷавобгӯ мебошад.
2. Диссертатсияи **Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна** дар мавзуи **«Ҷойгоҳи ҷумла дар низоми наҳви забон (бар мабнои романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон ба ҳимоя тавсия мегардад.
3. Диссертатсияи мазкур ба экспертизаи даври дуюми муассиса пешниҳод карда шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа,
мудири кафедраи забони тоҷикӣ
н.и.ф., дотсент Усмонова М.Х.

Котиби ҷаласа Давлатов И.А.